ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ)

Тибқи қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ИТВ АИКТ) аз 15 июни соли 2026 комиссия дар ҳайати раис - доктори илмҳои биологӣ Сатторов Н.Р., аъзои комиссия – номзади илмҳои ветеринарӣ Андамов И.Ш., номзади илмҳои биологӣ Курчиев М.Ю. диссертатсия, автореферат, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, мақолаҳои илмие, ки вобаста ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович нашр гардидаанд, баррасӣ ва муҳокима намуда, қарори зеринро қабул карданд:

Кори диссертатсионии Кашкулоев М.Ш. дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон» зери роҳбарии номзади илмҳои ветеринарӣ Расулов С. А. дар солҳои 2012-2024 дар пойгоҳи озмоишгоҳи касалиҳои бактериявӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва хоҷагиҳои инфиродии қутоспарварии ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон иҷро карда шудааст.

Хулоса дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст.

Соҳаи илмии тадқиқот ба бандҳои 3.7 - ҷараёни эпизоотикӣ, масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии эпизоотологияи бемориҳои сироятӣ, бемориҳои нави сироятии ҳайвонот, бемориҳои умумие, ки ба одамон ва ҳайвонот мансубанд, усули тадқиқоти эпизоологӣ, эпизоотологияи таҳлилӣ ва 3.8 - мониторинги эпизоологӣ ва назорат, манбаи табии бемориҳои сироятии ҳайвонот, сироятҳои трансмиссивии ҳайвонҳо бо этиология гуногун, роҳҳо ва воситаҳои назорати паҳнкунандагони бемориҳои сироятӣ, татбиқи корҳои зиддиэпизоотикӣ ва пешгирикунанда, чорабиниҳои умумӣ ва махсус барои мубориза бурдан, пешгирӣ ва бартараф намудани бемориҳои сироятии ҳайвонот, ҷанбаъҳои давлатӣ ва байналмилалии эпизоологияи Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи

ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ)

Тибқи қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ИТВ АИКТ) аз 15 июни соли 2026 комиссия дар ҳайати раис - доктори илмҳои биологӣ Сатторов Н.Р., аъзои комиссия – номзади илмҳои ветеринарӣ Андамов И.Ш., номзади илмҳои биологӣ Курчиев М.Ю. диссертатсия, автореферат, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, мақолаҳои илмие, ки вобаста ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович нашр гардидаанд, баррасӣ ва муҳокима намуда, қарори зеринро қабул карданд:

Кори диссертатсионии Кашкулоев М.Ш. дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон» зери роҳбарии номзади илмҳои ветеринарӣ Расулов С. А. дар солҳои 2012-2024 дар пойгоҳи озмоишгоҳи касалиҳои бактериявӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва хоҷагиҳои инфиродии қутоспарварии ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон иҷро карда шудааст.

Хулоса дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст.

Соҳаи илмии тадқиқот ба бандҳои 3.7 - ҷараёни эпизоотикӣ, масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии эпизоотологияи бемориҳои сироятӣ, бемориҳои нави сироятии ҳайвонот, бемориҳои умумие, ки ба одамон ва ҳайвонот мансубанд, усули тадқиқоти эпизоологӣ, эпизоотологияи таҳлилӣ ва 3.8 - мониторинги эпизоологӣ ва назорат, манбаи табии бемориҳои сироятии ҳайвонот, сироятҳои трансмиссивии ҳайвонҳо бо этиология гуногун, роҳҳо ва воситаҳои назорати паҳнкунандагони бемориҳои сироятӣ, татбиқи корҳои зиддиэпизоотикӣ ва пешгирикунанда, чорабиниҳои умумӣ ва махсус барои мубориза бурдан, пешгирӣ ва бартараф намудани бемориҳои сироятии ҳайвонот, ҷанбаъҳои давлатӣ ва байналмилалии эпизоологияи Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад. Тадқиқот ба омӯзиши хусусиятҳо, пайдоишу паҳншавӣ, зуҳуроти беморӣ ва чораҳои муборизаи брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, мукаммал намудани ташхиси тафриқавии ин беморӣ бо истифода аз усулҳои муосир ва муайян намудани вазъи эпизоотологию эпидемиологии брутселлёз бахшида шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар доираи афзалиятҳои стратегии рушди илмҳои аграрӣ ва таъмини амнияти эпизоотӣ ва эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, ба самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар бахши байторӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ мутобиқат менамояд. Мазмуни илмии кор ба ҳалли масъалаҳои мубрами ташхис, пешгирӣ ва такмили чораҳои зидди брутселлёзи чорвои кишоварзӣ равона гардида, бо барномаҳои давлатии соҳавӣ ва нақшаҳои илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ ҳамоҳанг мебошад.

Кори илмӣ дар заминаи нақшаҳои илмӣ-тадқиқотии Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар озмоишгоҳи бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳо амалӣ гардидааст. Тадқиқот тибқи мавзуъҳои давлатии ба қайд гирифташуда анҷом дода шуд, аз ҷумла:

-«Ташхиси маҷмӯӣ ва такмили усулҳои мушаххаси пешгирии брутселлёзи ҳайвонот» №0116TJ00506 (2016–2020);

- «Омӯзиши вазъи эпизоотию эпидемиологӣ ва такмили усулҳои ташхис ва пешгирии брутселлёзи ҳайвоноти кишоварзӣ» №0121TJ1075 (2021–2025).

Ҳамзамон, натиҷаҳои тадқиқот дар доираи ҳамкориҳои байналмиллалӣ, махсусан дар чорчӯби лоиҳаи International Science and Technology Center №Т-2199 «Беҳтар кардани имкониятҳо барои ошкор ва тавсифи брутселлаҳо дар бахшҳои ветеринарӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2016–2018) татбиқ ва такмил дода шудаанд, ки ин ба ҳамгироии натиҷаҳои илмӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мусоидат намудааст.

Самти тадқиқот инчунин ба татбиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи чорводорӣ ва амнияти озуқаворӣ мутобиқат дорад, аз ҷумла:

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №98 аз 16 марти соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои рушди минбаъдаи қутоспарварӣ дар Тоҷикистон»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №542 аз 2 ноябри соли 2007 «Барномаи рушди қутоспарварӣ барои солҳои 2008–2015»;

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №160 аз 27 марти соли 2018 «Дар бораи Барномаи комплексии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022» (бо тағйиру иловаҳо аз 30.07.2020);

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №52 аз 01 марти соли 2023 «Дар бораи «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027».

Бо ин тартиб, тадқиқоти пешниҳодшуда бо барномаҳои илмии давлатӣ ва стратегияи рушди соҳаи чорводорӣ ва ветеринарӣ робитаи мустақими илмӣ ва амалӣ дошта, ба такмили низоми ташхису пешгирии брутселлёз ва таҳкими амнияти биологӣ дар кишвар мусоидат менамояд амалӣ гардидааст.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб мукаммал инъикос ёфтааст.

Масъалаҳои асосии қабули диссертатсия ба ҳимоя:

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Қутоспарварӣ дар ноҳияҳои баландкӯҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳими чорводорӣ ба ҳисоб меравад, зеро шароити чарогоҳҳои табиию иқлим ва захираи хӯрокии чорвои серғизои баландкӯҳ ба рушди ин соҳа мусоидат мекунад.

Қутоспарварӣ дар Помири Шарқӣ соҳаи пешбарандаи тараққиёти хоҷагии қишлоқ буда, асосан ба заминаҳои табиии хӯроки чорво, ки хоси иқлиму шароити баландкӯҳ мебошанд, асос ёфтааст. Рушди минбаъдаи соҳаи қутоспарварӣ дар ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон дар таъмини амнияти озуқавории кишвар аҳаммияти калон дорад.

Сарфи назар аз самаранокии баланди молиявию иқтисодии миллии рушдёбанда ва фазои мусоид барои рушди соҳаи мазкур, бемориҳои сироятии чорво бахусус брутселлёз ба соҳаи қутоспарварии кишвар зарари калони иқтисодӣ оварда, боиси кам шудани саршумор ва паст гардидани маҳсулнокии он мегардад.

Дар байни бемориҳои сирояткунандаи қутосҳо брутселлёз мавқеъи муҳимро ишғол намуда, барои рушди бемайлони соҳаи қутоспарварӣ дар ВМКБ зиёни гарони иқтисодию молиявӣ мерасонад. Дар натиҷаи сироятёбӣ, исқоти ҳамл, бачапартоӣ рӯй дода, наслҳои суст инкишофёфта ва ғайриқобили рушд таваллуд мешаванд, ба узвҳои насли модақутосҳо ва буққаҳои наслдеҳ таъсири манфӣ расонида, сифати истеҳсолии зоти қутосҳо барои такрористеҳсолкунӣ гум шуда, барои забҳи маҷбурӣ сабаб мегарданд. Далелҳои дар боло зикргардида зиёд намудани саршумори кутосҳоро дар ҷумҳурӣ боз медорад.

Вазъи эпизоотию эпидемиологӣ нисбат ба брутселлёз дар байни ҳайвонот ва одамон дар Тоҷикистон ҳоло хеле муташанниҷ боқӣ мемонад.

Мақсади асосии тамоми таҳқиқотҳо оид ба масоили брутселлёзи ҳайвонот, аз ҷумла қутосҳо, такмил додани тадбирҳои муборизаи хоси зидди ин беморӣ мебошад.

Махсусан, ҷустуҷӯи воситаю усулҳои самарабахши ташхис ва пешгирии брутселлёзи қутосҳо фаъолона давом дорад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот ин муайян намудани сабабҳои зиёд гардидани бақайдгирии брутселлёз дар байни қутосҳо ва одамон дар ВМКБ мебошад.

Нигоҳубини якҷоя ва ғизодиҳии намудҳои гуногуни ҳайвонот (гӯсфандон, бузҳо, қутосҳо) боиси пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвоноти кишоварзӣ, аз ҷумла брутселлёз мегардад.

Вазъи эпизоотию эпидемиявии брутселлёз дар замони ҳозир дар ҷаҳон алалхусус дар Тоҷикистон низ бисёр мубрам аст. Ҳамин далел кифоя аст, ки айни замон дар кураи Замин кам мамлакатҳое ҳастан, ки аз ин беморӣ солим бошанд.

Брутселлёз яке аз бемориҳои зоонозии эндемикии глобалӣ боқӣ монда, ба бемориҳои бисёрпаҳнгашта дар ҷаҳон мансуб мешавад. Ҳамасола дар байни одамон зиёда аз 500 ҳазор ҳодисаҳои нави беморӣ ба қайд гирифта мешавад.

Беморӣ аз одам ба одам намегузарад сатҳи паҳншавии беморӣ мустақиман аз ҳолати эпизоотии беморӣ дар байни ҳайвоноти кишоварзӣ вобастагӣ дорад.

Одамон ҳангоми бархурди мустақим ё ғайримустақим бо ҳайвоноти мубталои беморӣ, маҳсулоти ҳайвонот аз ҷумла ҳангоми истеъмоли шири хом, маҳсулоти ширӣ, гӯшт ва маҳсулоти гӯштии пурра пухтанашуда ё коркардшуда сироят меёбанд.

Сатҳи сироятнокии брутселлёз дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба куллӣ фарқ намуда, вобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, шароитҳои иқтисодию иҷтимоӣ, самаранокии чораҳои назорати ветеринарӣ ва саломатии ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад.

Дар кишварҳои соҳаи чорводориашон рушднамуда, вазъи беморӣ аҳаммияти калони эпизоотологию эпидемиологӣ дорад.

Ҳолатҳои беморӣ вазъи ногувори сироят дар кишварҳо ру ба тараққӣ мамлакатҳои Шарқи наздик, ҳавзаи баҳри Миёназамин, Африқо ва Америкаи Лотинӣ мушоҳида мешавад.

Тибқи баҳодиҳиҳои гуногун ба гурӯҳи хавфи сироятёбӣ ба барангезандагони брутселлёз 2,4 миллиард одамон мансуб мешаванд.

Дар пайдоишу паҳншавии беморӣ инчунин баланд шудани ҳаҷми сайёҳии байналмилалӣ, савдо ва миграцсияи аҳолӣ нақши калон дорад.

Мувофиқи арзёбиҳои гуногун аз 1,4 млрд сар саршумори умумии чорвои калони шохдор дар ҷаҳон зиёда аз 300 млн сар ба барангезандагони брутселлёз сироят ёфтаанд.

Ҳисороти иқтисоди ҳамасола ба миллиардҳо доллар аз ҳисоби ҳароҷотҳои соҳаи тандурустӣ барои реабилитатсия ва табобати одамони музмин сироятёфта, инчунин ба соҳаи чорводорӣ ва бехатарии озуқаворӣ (забҳи чорвои бемор, нагирифтани насл, хароҷот барои гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ) сарфшаванда ташкил медиҳад.

Нишондодҳои баланди сироятёбӣ ба беморӣ дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ бақайдгирифташуда, мутаносибан дараҷаи баланди сироятёбӣ ба 100 ҳазор нафар, одамон (то 10,0) аз ҷумла Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Арманистон, Гурҷистон ва Озарбойҷон ба қайд гирифта шудааст.

Ин беморӣ дар байни дигар бемориҳои сирояткунандаи ҳайвонот ва одамон мавқеи хосро ишғол менамояд. Хусусияти ин бемории сироятӣ дар он аст, ки он бисёр вақт ба таври тӯлонӣ гузашта, намуди саририи ҳайвонотро тағйир намедиҳад ва ба маҳсулнокӣ таъсир намерасонад.

Брутселлёз дар байни ҳайвоноти кишоварзӣ паҳн шуда, душвориҳои зиёде ба миён меоварад. Ғайр аз ин, чорвои ба ин беморӣ гирифтор на танҳо чорвои солим, ҳатто одамонро метавонад сироят кунонад. Дар байни бемориҳое, ки ба инсон ва ҳайвонот зараровар мебошанд, брутселлёз назар ба дигар бемориҳо ба таври васеъ омӯхта шудааст. Лекин паҳлуҳои наомӯхтаи беморӣ ҷой дошта, такмилу истифодаи усулҳои муосири пешгирию мубориза метавонанд барои паст намудани сироятёбии чорвои кишоварзӣ кумак расонад.

Дар Тоҷикистон новобаста аз оне, ки чорабиниҳои пешгирӣ аз беморӣ ва солимгардонии ҳайвонот гузаронида мешавад, ҳолати эпизоотӣ оид ба брутселлёз дар байни ҳайвоноти кишоварзӣ шиддатнок ва ҳалношуда боқӣ мемонад. Дар шароити гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ, ташкил кардани хоҷагиҳои фермерӣ ва зиёд шудани миқдори ҳайвонот дар ихтиёри аҳолӣ ин масъала боз ҳам муҳимтар арзёбӣ карда мешавад.

Яке аз самтҳои асосии мубориза ба брутселлёз ин мунтазам гузаронидани ташхиси серологӣ дар байни саршумори ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад танҳо бо ин роҳ имкон ба даст медиҳад ки тозагии подаро ба даст овард. Зарур ва ҳатмӣ мебошад ки ҳамасола мақомоти байтории шаҳру ноҳияҳо нақша чорабиниҳоро тартиб дода санҷиши серологиро ташкил намоянд ва чорвои ба беморӣ мубталогаштаи

муайяншударо саривақт аз подаи умумӣ ҷудо намуда, забҳи бехдоштӣ намоянд. Усулҳои маъмули ташхиси серологӣ ки айни ҳол истифода шуда натиҷаи хуб медиҳад барои чорвои калони шохдор, говмешҳо, қутосҳо, шутурҳо ва аспҳо бо усули аксуламали агглютинатсия (АА) бо мавҷудияти потанҳо 200 МЕ/мл ва аз он зиёд; инчунин ҳангоми натиҷаҳои мусбии аксуламали иммунодиффузионӣ (АИД) барои бузу гӯсфандон-АА 100 МЕ/мл ва аз он зиёд барои гавазнҳо -АА 50 МЕ/мл ва он зиёд; барои ҳамаи ҳайвонот аксуламали пайвастшавии комплемент (АПК) дар таносуби 1:5 ва аз он боло мебошанд.

Гузаронидани як усули санҷиши серологӣ барои дақиқ муайян намудани беморӣ дар байни чорво кифоя намекунад. Бинобар ин гузаронидани санҷишҳо бо истифода аз усулҳои муосир хусусан аксуламали силсилавии полимеразӣ ва таҳлили иммунноферментӣ дар муайян намудани брутселлёз натиҷаи хуб медиҳад.

Омӯзиши хусусиятҳои биологии брутселлаҳо бо истифода аз усулҳои молекулиявӣ ва гибридизатсияи ДНК аз ҳама дақиқ ва ояндадор мебошад. Як гурӯҳ олимон дар он назаранд, ки истифодаи усули аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП) барои ташхиси брутселлёз ва шаклҳои он арзишманд мебошад.

Гурӯҳи олимон А.А.Новитский, С.А. Расулов, Н.Р. Раҳматзода ва дигарон бар он ақидаанд, ки санҷиши биологӣ назар ба санҷиши серологӣ натиҷаҳои боэътимодтар дорад. Барои усули ташхиси биологӣ мушҳои сафед, хукчаҳои обӣ ва харгӯшҳои ҷавон метавонанд ҳамчун ҳайвоноти ҳассоснок истифода шаванд.

Дар корҳои илмии олимони зиёд П.К.Аракелян, П.А.Вершилов, Н.С.Вождаев, В.В.Кириллин, С.А.Расулов, Ш.А. Турдиев нишон дода шудааст, ки натиҷаи усули биологӣ нисбат ба усули бактериологӣ якчанд маротиба баланд аст. Камбудии усули биологӣ дар он аст, ки пас аз сироят ёфтани ҳайвоноти озмоишӣ ва муайян намудани брутселлёз 30-60 рӯз лозим меояд. Ташхиси серологии брутселлёз ҷараёнеро дар бар мегирад, ки асоси таъсири мутақобилавии антителаҳо ба антиген ба вуҷуд меояд.

Тадқиқоти олимони сершумор Е.С.Белозёров, С.Н.Вишлесский, М.К.Искандаров, А.М.Муминов, Н.Х. Ҳасанов нишон медиҳад, ки дар натиҷаи брутселлёз ва ё ваксинатсияи чорво бар зидди ин беморӣ иммуноглобулинҳои гуногун дар организм ба вуҷуд меоянд.

А.А. Навитский, Г.Г. Онишенко дар натиҷаи ташхиси серологии брутселлёз ва шиддатнокии ваксинатсия се фраксияи иммуноглобулинҳо: IgG, IgM ва IgA муайян кардаанд, ки моҳияти озмоишӣ доранд.

Дар пай дар ҳам ҳосил намудани иммуноглобулинҳо дар мавриди брутселлёзи чорво ақидаҳои гуногун мавқуд аст (А.Н. Куличенко, А.А. Навитский, Г.Г. Онишенко). Бисёр муаллифон қайд мекунанд, ки дар марҳилаи аввал дар зардоби хуни чорво иммуноглобулинҳои глобулини IgM ва дар марҳилаҳои минбаъда иммуноглобулинҳои IgM, IgG ва IgA муайян кардан мумкин аст.

Аксуламали агглютинатсия дорои аҳаммияти баланди ташхисӣ дошта, имкон медиҳад, ки беморӣ дар марҳилаҳои аввал муйян карда шавад .

Гузаронидани дезинфексияи оғилхонаҳо низ барои пешгирии пайдоиш ва паҳншавии брутселлёз мусоидат менамояд.

Вазъи кунунии эпизоотию эпидемиологии брутселлёз дар Тоҷикистон изҳори нигарониро талаб намуда, чораҷӯии муштараки вазорату идораҳои масъули кишвар хусусан Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ талаб менамояд. Танҳо дар ҳамкории байнисоҳавӣ метавон дар мубориза бо брутселлёз комёб шуд.

Брутселлёз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бемориҳои муҳим ба ҳисоб рафта, раванди эпизоотии он ба таври статсионарӣ (доимӣ) номуътадил боқӣ монда, ҳамасола дар байни одамон ва ҳайвоноти кишоварзӣ хуруҷ карда, нуқтаҳои номусоиди навро ба миён меорад, ки такмил додани чораҳои мубориза ва назорати он зарур аст. Масъалаи истифодаи усулҳои муосири ташхис, мукаммалгардонии онҳо бо истифода аз аксуламаҳои занҷираи полимеразӣ ва таҳлили имуноферментӣ вазифаҳо аввалиндараҷа ва саривақтӣ мебошад.

Ҳадафи тадқиқот. Ҳадафи асосии омӯзиш ва арзёбии вазъи эпизоотикӣ ва эпидемиологии бруселлёз дар байни қутосҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили хусусиятҳои паҳншавии беморӣ дар шароити баландкӯҳ ва асоснок намудани роҳҳои такмили чорабиниҳои ташхисӣ, пешгирикунанда ва зиддиэпизоотӣ мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот:

1.Омӯзиши хусусиятҳои шароити табиӣ ва иқлимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, инчунин муайян намудани хусусиятҳои нигоҳдорӣ ва парвариши қутос дар ин минтақа;

2.Гузаронидани таҳлили муқоисавии вазъи эпизоотӣ ва эпидемиологии брутселлёз дар байни чорвои калони шохдор ва аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.Гузаронидани ташхисҳои бармаҳали брутселлёз бо усулҳои зардобавии хун, бактериологӣ ва АЗП дар хоҷагиҳои қутоспарварии ВМКБ;

4. Омӯзиши самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёз аз ҳайлҳои 19 ва 82 дар байни қутосҳо.

Навгонии тадқиқоти илмӣ. Омӯзиши бемориҳои сироятӣ ва зоонозӣ, аз ҷумла брутселлёз дар байни қутосҳо, аз соли 1968 то инҷониб дар ВМКБ мунтазам омӯхта нашудаанд. Дар хоҷагиҳои қутоспарварии ҷумҳурӣ мониторинги эпизоотологии бемориҳои зоонозӣ ва ҷорӣ кардани системаи самарабахши ташхис ва пешгирии брутселлёз бо дарназардошти шароити ноҳияҳои баландкӯҳи кишвар ба роҳ монда нашудааст, ки ин сабабгори паҳншавии сироятҳои зоонозӣ, аз ҷумла брутселлёз дар байни одамон гардидааст.

Дар заминаи ин мушкилот, бори аввал минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ ва иқлимии баландкӯҳи Помир хусусан ноҳияи Мурғоби ВМКБ, вазъи эпизоотии брутселлёзи қутосҳо ба таври комплексӣ дар солҳои 2013-2022 омӯхта шуд.

Дар идомаи тадқиқот ташхисҳои серологӣ (АРБ, АА, АПК, ТИФ, АҲ) ва бактериологӣ (микросопӣ, биологӣ ва биокимиёвӣ) ба роҳ монда шуданд, ки ин имкон доданд барангезандаи бемориро бо муайян кардани гурӯҳи биоварҳо ва ҷойивазкунии барангезандаҳо аз як намуди ҳайвон ба ҳайвони дигар бо эътимоди баланд муайян карда шавад. Натиҷаҳои мусбати бадастомадаи бактерологӣ бо АЗП дар гели агарозӣ тасдиқ гардида, мансубияти барангезанда ба дараҷаи баланд муайян карда шуд.

Натиҷаҳои бадастомадаи арзёбии муқоисавии самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёз аз хайлҳои 19 ва 82 барои такмили тадбирҳои пешгирӣ ва интихоби нақшаи муътадили эмгузаронӣ дар қутоспарварӣ заминаи илмӣ гузоштанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз асоси назариявии рисоларо ин омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи эпизоотӣ ва эпидемиологии брутселлёз дар байни ЧКШ ва аҳолии ҷумҳурӣ бо таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои ВМКБ амалӣ гардид. Тадқиқоти клиникӣ, эпизоотологӣ, серологӣ (АРБ, АА, АПК, ТИФ ва АҲ), бактериологӣ, биологӣ ва АЗП брутселлёзи қутосҳо дар солҳои 2013-2022 ташкил медиҳад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Аҳаммияти амалии тадқиқот дар он зуҳур мегардад, ки дар натиҷаи тадқиқот дар амалияи ветеринарӣ дастурамалу тавсияҳои зерин ҷорӣ карда шудаанд:

«Дастурамал оид ба омӯзиши эпизоотологияи канории брутселлёз» (13.02. с. 2015 аз ҷониби Шурои илмӣ-техникии Хадамоти назорати

давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст);

Дастурамали методии «Тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии брутселлёзи ҳайвонот» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 06.05.с.2024 тасдиқ шудааст);

Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот метавонанд барои омӯзгорон, донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва магистрҳои институту факултетҳои тибби ветеринарӣ ва биологӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд.

Нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда:

- дар асоси таҳлили маълумотҳои оморӣ вазъи эпизоотию эпидемиологӣ ва хусусиятҳои паҳншавии брутселлёз дар байни чорвои калони шохдор ва аҳолии ВМКБ ва нишондиҳандаи баланди беморӣ дар минтақа ва ҷумҳурӣ маълум карда шуд ва инчунин нақши омилҳои табиӣ ва хоҷагидорӣ дар нигоҳдории манбаъҳои сироят муайян гардид;

- бори аввал дар шароити хоҷагиҳои қутоспарварии ноҳияи Мурғоб бо истифода аз усулҳои маҷмӯии зардобавӣ, бактериологӣ ва иммунологӣ вазъи воқеии брутселлёзи қутосҳо муайян гардид, инчунин аҳаммияти истифодаи ташхисии комплексии аксуламалҳои АРБ, АА, АПК, ТИФ, АҲ, усулҳои бактериологӣ ва АЗП барои ошкорсозӣ ва тасдиқи беморӣ асоснок карда шуд;

- самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёз аз ҳайлҳои 19 ва 82 дар байни қутосҳо омӯхта шуда, афзалияти истифодаи ваксинаи ҳайли 19 барои баланд бардоштани самаранокии пешгирӣ, маҳдуд намудани паҳншавии сироят ва такмили чорабиниҳои солимгардонӣ дар шароити минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо маълумоти кофӣ ва таҷрибавӣ оид ба вазъи эпизоотологии брутселлёзи қутосҳо тасдиқ карда мешавад. Дар маводи хеле калони таҷрибавӣ самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёзи қутосҳо барои пешгирии махсуси он омӯхта шуд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ҳаҷми кофии маводи оморӣ ва таҷрибавӣ, зиёд будани тадқиқоти гузаронидашуда ва интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ менамояд. Хулоса ва тавсияҳои амалӣ ба таҳлили илмии тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

Оид ба дар диссертатсия набудани ҳолатҳои истифодаи маълумот бе нишон додани манобеъ. Аз ҷониби диссертант маълумотнома оид ба санҷиши матни диссертатсия оид ба ҳаммонандиҳо (плагиат) пешниҳод карда шудааст, ки аз ҷониби корманди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ Р.М. Ёров имзо гардидааст. Тибқи маълумотномаи мазкур матни диссертатсияи Кашкулоев М.Ш.. дар мавзуи “Мониторинги

эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон" 88,17% - ро ташкил медиҳад.

Дар бораи пуррагии маводи диссертатсия дар корҳои нашркардаи довталаби дараҷаи илмӣ

Диссертатсия дар 176 саҳифаи компютерӣ баён ёфта, аз муқаддима, тавсифи адабиёт, шарҳи маводу усулҳо, натиҷаҳои тадқиқот, муҳокимаи натиҷаҳо, хулоса, натиҷаҳои ниҳоӣ, пешниҳодоти амалӣ, рӯйхати адабиётҳо ва замима иборат мебошад. Матни диссертатсия бо 12 ҷадвал, 14 диаграмма ва 13 расм тасвир ёфтааст. Рӯйхати адабиёт 163 манбаъро дар бар мегирад, ки аз онҳо 34 манбаъ маълумотҳо аз муҳаққиқони тоҷик, 73 манбаъ маълумотҳо аз муҳаққиқони хориҷи наздики кишвар бо забони рӯсӣ ва 56 манбаъ маълумотҳо аз муҳаққиқони хориҷи дур ба забони англисӣ мебошанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаррароти муқаддимавӣ, шарҳи адабиёт, тавсифи мавод ва усулҳои тадқиқоти шахсӣ, баррасии натиҷаҳо, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Аз натиҷаи тадқиқотҳои илмии унвонҷӯ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои ба феҳристи нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда («Гузоришҳо»-и АИКТ, «Ахборот»-и АМИТ ва «Кишоварз»-и ДАТ) нашр шуда, 2 тавсияи методӣ таҳия ва аз ҷониби Шурои илмию техникии ХНДБ маъқул дониста шуда, тасдиқ гардидаанд.

Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионии Кашкулоев М.Ш. пешниҳодшуда бо маводи воқеӣ асоснок карда шудаанд.

Бо эътирофи сифати хуби кори диссертатсионии Кашкулоев М. Ш. қайд менамоем, ки дар он хатогиҳои алоҳидаи техникӣ, имлоӣ ва услубӣ, ифодаҳои номуваффақ ва хатоҳо мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки ин шарҳҳо хусусияти тавсиявӣ доранд ва бартариҳои диссертатсияро, ки кори мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аҳаммияти калони илмӣ-амалӣ дорад ва ба рушди илми байторӣ мусоидат мекунад, коҳиш намедиҳанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шариповичро дар мавзуи: «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ ва

масъуниятшиносӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ:

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шариповичдар мавзуи: «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқонии зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқиашон ба ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Турдиев Шамсулло Абдуллоевич - доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи ҷарроҳӣ, қобилагӣ ва табобатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Сатторов Саидбег - доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи микробиология, вирусология ва иммунологияи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон;

3.Ба сифати **муассисаи пешбар** Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти тибби ветеринарии АИКТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба сурогаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои биологӣ Сатторов Н.Р.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

номзади илмҳои ветеринарӣ Андамов И. Ш.

номзади илмҳои биологӣ Курчиев М. Ю.

аз «10» 07 соли 2026